**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ"**
**аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29.06.2023с. № 16*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ ОЛИМОВ ТАҒОЙБЕК ШОДИЕВИЧ, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзӯи «Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)», дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №12 аз 19-уми апрели соли 2023 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Олимов Тағойбек соли 2011 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси педагог–психолог хатм намудааст. Дар давраи омодагӣ ба таълифи диссертатсия Т.Ш. Олимов ба сифати сармуаллими кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва унвонҷӯи ҳамин кафедра фаъолият бурдааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Файзализода Ҷумахон Хол, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Каримзода Мирзо Бадал** - доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

**Ҳодибоев Фаридун Абдуалиевич** - номзади илмҳои фалсафа, сардори Маркази иттилоот ва таҳлили раёсати МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 7-уми июни соли 2023 (суратмаҷлиси №11), ки онро ректори муассиса доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, аз он ҷумла қайд намудааст, ки "Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тағойбек дар он аст, ки довталаб роҳу воситаҳои истифодаи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар

бунёди оилаҳои солими муосирро коркард карда, шароитҳои педагогии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ дар низоми муосири тарбияи оилавӣ ва таҳсилот тавассути озмоиш муайян ва мавриди омӯзиш ва коркард қарор додааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ дошта, бо муҳиммияти ҷамъбасти илмӣ, ки дар диссертатсия инъикос гардидаст ва хулосаҳои асосӣ дар қисмати истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои ташаккул ва беҳдошти оиладории муосири тоҷик озмоиш карда мешавад".

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ бо иштироки бевоситаи ӯ анҷом дода аст. Дар корҳои бо ҳаммуаллифон анҷомдодашуда саҳми муаллифи диссертатсия назаррас мебошад. Озмоиш дар шароитҳои табиӣ, яъне дар намуди пурсиши беруназсинфӣ дар 7 муассиса - МТМУ №25, 29, 33, 35 ноҳияи Ёвон ва МТМУ №43, 44, 58 ноҳияи Вахш гузаронида шудааст.

Мухтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд. Бахши амалии таҳқиқот ё худ натиҷаи озмоиш тавассути барномаи таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор» таҳия ва нашрнамудаи унвонҷӯ апробатсия ва татбиқ гаштаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки Диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Олимов Тағойбек Шодиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

***Аз таълифоти арзишманди муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

[1-М] Файзализода Ҷ.Х., Олимов Т.Ш. Оила ва арзишҳои оиладорӣ / Ҷ.Х.Файзализода, Т.Ш.Олимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2019. - № 4. - С. 256-261, ISSN 2074-1847

[2-М] Олимов Т.Ш. Нақши зан-модар дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ /Т.Ш. Олимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2019. - № 7. - С. 275-280, ISSN 2074-1847

[3-М] Олимов Т.Ш. Ташаккули арзишҳои оилавӣ: таҳлили омилҳои иҷтимоӣ /Т.Ш.Олимов // [4-М] Олимов Т.Ш. Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар «Қобуснома»-и

Унсурулмаолии Кайковус /Т.Ш.Олимов // Паёми Донишгохи миллии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2020. - № 2. - С. 274-279, ISSN 2074-1847

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн].- Душанбе, 2020. - № 1. - С. 288-293, ISSN 2074-1847

[5-М] Олимов Т.Ш. Масъалахои тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишхои оиладорӣ дар ашъори Муҳаммад Ғаззолӣ / Т.Ш.Олимов // Паёми Донишгохи омӯзгорӣ [Матн]. - Душанбе, 20121. - № 1 (5). - С.79-84, ISSN 2708-5759

[6-М] Олимов Т.Ш. Омодагии иҷтимоию психологии ҷавонон ба ҳаёти оиладорӣ / Т.Ш.Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таҳсилоти томактабӣ: вокеият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии стандартҳои насли нав» бахшида ба 55 – солагии таъсисёбии кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ [Матн]. - Душанбе, 2016. - С.65-72.

[7-М] Олимов Т.Ш. Интихоб ва дарёфти ҷуфти мувофиқ дар оила / Т.Ш.Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Накши ҳунарҳои миллӣ дар раванди тарбия»[Матн]. - Душанбе, 2018. – С.140-144.

[8-М] Файзализода Ҷ., Олимов Т. Омилҳои сар задани низоъ дар хонавода ва роҳҳои бартарафнамоии он / Ҷ.Файзализода, Т. Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ», бахшида ба 90-солагии Корманди шоистаи маорифи Тоҷикистон, профессор Баён Раҳимов ва 25-солагии кафедраи педагогика ва психология [Матн]. - Душанбе, 2019. - С.47-51.

[9-М] Олимов Т. Худкушӣ ва омилҳои он / Т.Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ», бахшида ба 90-солагии Корманди шоистаи маорифи Тоҷикистон, профессор Баён Раҳимов ва 25-солагии кафедраи педагогика ва психология[Матн]. - Душанбе, 2019. - С.242-247.

[10-М] Олимов Т. Аввал ба худ бовар кун, пас издивоҷ /Т.Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Накши ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ» бахшида ба Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021[Матн]. - Душанбе, 2019. - С.310-312.

[11-М] Олимов Т. Барномаи таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор / Т.Олимов [Матн]. – Душанбе, 2021. – 19 с.

[12-М] Олимов Т., Давлатназарова Ф. Таҳлили арзишҳо ва меъёрҳои хонаводаи муваффак / Т.Олимов, Давлатназарова Ф. // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» [Матн]. - Душанбе, 2023. - С.375-380.

***Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:***

**Тақризи 1. Роза Ниёзметова** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ӯзбекӣ Донишгоҳи давлатии ба номи Алишер Навоии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Тақриз мусбат буда, эрод надорад.

**Тақризи 2. Сатторов Абдурасул Эшбекович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи МДТ-и "ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тақриз

мусбӣ буда, эрод надорад.

**Тақризи 3. Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

**Тақризи 4. Ашӯрова Дилором -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедари педагогика ва психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбӣ буда, 2 эрод ҳамчун тавсия пешниҳод шудааст.

**Тақризи 5**. Очилова Меҳринисо - доктори илмҳои филология, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров". Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсияи Т.Ш.Олимовро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 19-уми апрели соли 2023, №12, тибқи талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

- Пеш аз ҳама мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI муайян карда шуданд;
- ҷойгоҳи маҷмуи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷики асри XI таҳлил ва муайян гардиданд;
- роҳу воситаҳои амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷики асри XI дар бунёди оилаҳои солими муосир баррасӣ ва усулҳои мувофиқи он ба таври тавсия ба татбиқшавӣ пешниҳод шуданд;
- технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосир мавриди санҷишу озмоиш қарор гирифтанд.

***Асосҳои методологии таҳқиқотро*** муносибати умумифалсафии бонизом, ки ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тавсифи мукаммали омилҳо ва ҷараёнҳои мавриди таҳқиқи педагогӣ-психологӣ нигаронида шудааст, принсипҳои бунёдии омӯзиши таърихи афкори фалсафӣ-ахлоқии халқияту миллатҳои гуногун ва аҳамияти он дар ташаккул ва рушди арзишҳои ахлоқию маънавии афроди ҷомеаи муосир, ягонагӣ ва робитаи ногусастании назария ва амалия асос ёфтааст; асноди қонунгузорӣ ва ҳуқуқии мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар сандаҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълиму тарбияи насли наврас, ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва умумибашарӣ, инчунин стратегияи ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ, ғояи истифодаи оқилонаи мероси педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар ин раванд, ҷанбаҳои назариявии технологияҳои муосири педагогӣ, ки ба тарбияи насли наврас, тарбияи оилавӣ, ташаккули арзишҳои оиладорӣ, тафсири афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик

бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** дар он зоҳир мегардад, ки:

- муқаррароти назариявии таҳқикот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик - ташаккули арзишҳои оиладорӣ, бунёди оилаи солим заминаи воқеии иттилооти судманди илмиро фароҳам меорад;

- хулосаву пешниҳодҳои илмии диссертатсия барои баланд бардоштани сатҳу сифати салоҳиятнокии падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо дар оила мусоидат намуда, дар мавриди зарурати таҷдиди назар ва такмили мундариҷаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо ғояҳои нави илман асоснок ғанӣ мегардонад;

- доираи тасаввуроти назариявиро оид ба моҳияти аслии арзишҳои оиладорӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ ва этнофарҳангӣ тавъам мебошанд, васеъ мегардонад;

- педагогикаи тоҷик бо консепсияи муосир ва амсилаи нави педагогии «Ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ғанӣ мегардад;

***Аҳамияти амалии таҳқиқот.*** Маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши минбаъдаи таърихи афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик, хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус, хрестоматияҳо оид ба маърифати оиладорӣ, ташаккули арзишҳои муосири оиладорӣ, педагогикаи иҷтимоӣ, педагогикаи оилавӣ, сотсиологияи оила ва таърихи педагогика истифода бурдан мумкин аст.

Ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқикотро омӯзгорони муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот, мураббиён, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи афкори педагогӣ, нақш ва ҷойгоҳи оила дар таълиму тарбия машғуланд, дар раванди пажӯҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шудаанд:***

- мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик аниқ карда шуд;

- ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян карда шуд;

- роҳу воситаҳои истифодаи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар бунёди оилаҳои солими муосир коркард гардид;

- шароитҳои педагогии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ дар низоми муосири тарбияи оилавӣ ва таҳсилот тавассути озмоиш муайян карда шуданд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** ба он асос меёбад, ки мутобиқ ба ҳадафу вазифаҳои мавзуи таҳқиқ истифода бурдани консепсияҳои назариявӣ ва муносибати методологӣ, ки дар осори илмии муҳаққиқони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтаанд, бо амиқӣ ва мукаммалии ҳаҷми маводи илмии мавриди таҳлилу арзёбӣ, ки ба пояи комёбиҳои илми муосир устуворанд, муайян карда мешавад; ҳамзамон бо асоснокии муътамади назариявӣ-методологии ғояи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, саҳеҳияти ҳадафу вазифаҳо ва мутобиқ ба онҳо интихоб гардидани маҷмуи методҳои илмӣ; давомнокии боварибахши таҳқиқот, имкони гузаронидани озмоиши назоратии

натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили шуморавию сифатии арзиши илмию омории маълумоти мавриди таҳқиқ, дар раванди фаъолияти амалӣ ва таълимӣ ҷорӣ гардидани маслиҳату тавсияҳои пешниҳодшуда, мушоҳидаҳои педагогӣ ва таҷрибаи амалии касбии муаллиф таъмин мегардад.

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ба асноди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи омори давлатӣ, натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ, инчунин маводи чорабиниҳои илмӣ бахшида ба мавзуи таҳқиқот такя мекунанд.

***Саҳми шахсии муаллиф*** дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 9 нафар, аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 9 нафар,
муқобили додани дараҷаи илмӣ нест нафар,
бюллетенҳои беэътибор нест нафар,

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 29-уми июни соли 2023 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзӯи «Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Олимов Тағойбек Шодиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионии 6D.КОА-026**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Ҳамробоев Н.А.**

**29.06.2023с.**